# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Самиев Ҷумахон Саймуродович дар мавзуи «Хусусиятҳои ғоявию бадеӣ ва нақди матни «Сафарнома»-и Носири Хусрави Қубодиёнӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ пешниҳод шудааст**

Диссертатсияи Самиев Ҷумахон Саймуродович ба таҳлилу таҳқиқи хусусиятҳои ғоявию бадеӣ ва нақди матни «Сафарнома»-и Носири Хусрави Қубодиёнӣ бахшида шудааст. Аҳаммияти ин кори диссертатсионӣ, пеш аз ҳама, аз он иборат аст, ки хусусиятҳои ғоявию бадеӣ ва нақди матни «Сафарнома»-и Носири Хусрав бар асоси дастнавису нашрҳои литографӣ ва нусхаҳои чопии асар бори аввал дар қолаби диссертатсия таҳқиқ гардида, мавзуъ ва мундариҷаи асосии асар, нақши ноқил, вижагиҳои баёни ривояту ҳикоёт, тасвири чеҳраҳои таърихӣ ва истифода аз санъатҳои бадеӣ мавриди омӯзиши ва таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд.

Таҳриру тасҳеҳ ва баррасии чопҳои гуногуни “Сафарнома”-и Носири Хусрав аз масоили дигари таҳқиқшаванда дар кори диссертатсионии Самиев Ҷумахон Саймуродович мебошад. Шинохт ва таъйиду таъйини арзишу аҳаммияти «Сафарнома»-и Носири Хусрави Қубодиёнӣ, хусусиятҳои ғоявию бадеӣ ва нақди матни асар аз ҷумлаи масъалаҳои мубрами ин кори таҳқиқӣ мебошад. Аз ин рӯ, таҳқиқи мавзуъ ва масъалаҳои мазкур кори муҳим ва судманд дониста мешавад.

Навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир меёбад, ки он дар адабиётшиносии тоҷик нахустин таҳқиқи ҷудогона оид ба хусусиятҳои ғоявию бадеӣ ва нақди матни «Сафарнома»-и Носири Хусрави Қубодиёнӣ буда, ҳамзамон, масъалаҳои ҳунари чеҳранигорӣ, мавқеи санъатҳои бадеӣ дар “Сафарнома” ва нақши ноқил дар ин асар баррасӣ гардидаанд.

Маводи диссертатсия ва дастовардҳои илмии муҳаққиқро дар баррасии масъалаҳои назарӣ ва таърихии алоқаманд ба ҳунари нависандагии Носири Хусрав, дар омӯзиши сафарнома ва дигар анвои адабии адабиёти форсии тоҷикӣ метавон мавриди истифода қарор дод. “Сафарнома”-и Носир Хусрав барои ошноӣ бо шароити ҷомеаи он замон ва марказҳои муҳимми тамаддун басо фарогир ва мукаммал буда, аз сарчашмаҳои муҳимми ҷуғрофӣ ва таърихӣ маҳсуб мешавад. Аз ин рӯ, натиҷаҳои таҳқиқ на танҳо дар шинохти раванди такомулии падидаҳои адабӣ, балки баррасии масоили марбут ба ҷуғрофиё ва таърих муфид хоҳад буд.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 4 мақола, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар диссертатсияи Самиев Ҷумахон Саймуродович истифодаи

мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъйин шудааст. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Самиев Ҷумахон Саймуродович кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Самиев Ҷумахон Саймуродович дар мавзуи «Хусусиятҳои ғоявию бадеӣ ва нақди матни «Сафарнома»-и Носири Хусрави Қубодиёнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул гардад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– **Асозода Ҳотам Раҷаб** – доктори илмҳои филологӣ, дотсент, директори генералии Муассисаи давлатии «Муҷтамаи ҷумҳуриявии осорхонаҳои Кӯлоб»;

– **Шоев Абдуҳамид Абдунабиевич** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва тавзеъ гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ М. Нарзиқул

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ Низомӣ М.З.

доктори илмҳои филологӣ, профессор,
мудири кафедраи назария ва таърихи
адабиёти Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи
Садриддин Айнӣ Солеҳов Ш.А.

«5» июли соли 2024.